Ба Шурои диссертатсионии 6D-КОА.029
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Исмоилзода Маъруф Искандар дар мавзуи «Сиёсишавии дин ва хусусиятҳои муҳими он дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ)**

Бақои давлату миллат аз ҳимояи сохтори конститутсионии давлат ва таҳкими истиқлолияти миллӣ вобаста мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти худ роҳи рушди демократии ҷомеаро интихоб намудааст ва аз ин рӯ, ҳама гуна монеа дар самти татбиқи меъёрҳои демократӣ ва демократикунонии ҷомеа, инчунин монеаҳо дар татбиқи меъёрҳои дунявию ҳуқуқбунёдии давлат таҳдид ба сохти конститутсионии кишвар дониста мешаванд. Бинобар ин, вобаста ба сохти конститутсионӣ ва тартиботи сиёсии Тоҷикистон як қатор арзишҳо, аз қабили рушди ниҳодҳои демократӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафолати озодии виҷдон, таъмини амнияти миллии кишвар, таъмини суботи ҷомеа ва дар заминаи ин арзишҳо ба амал баровардани рушду инкишофи мамлакат ҳадафҳои олии давлату ҳукумат маҳсуб меёбанд. Дар раванди татбиқи ҳадафҳои мазкур пайдоиши як қатор омилҳои носолимро мушоҳида намудан мумкин аст. Ин гуна омилҳо таҳдиду хатарҳое мебошанд, ки амалишавии мақсадҳои миллӣ ва ҳадафҳои стратегии давлату ҳукуматро ғайриимкон мегардонанд. Мутаассифона, дар баробари хавфу хатарҳои мавҷуда сиёсишавии дин аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият ба амнияти миллӣ ва суботи сиёсии кишвар мустақиман таъсири манфӣ

мерасонад. Дар рисолаи мазкур низ паҳлуҳои гуногуни ин масъала таҳқиқ гардида, хавфу хатари он барои Тоҷикистон ва роҳу усулҳои пешгирӣ намудани ин падида нишон дода шудаанд.

Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омадани сиёсишавии дин хусусиятҳои худро дорад. Пеш аз ҳама, омилҳои таърихию фарҳангӣ дар мавриди муайян намудани сарчашмаҳои пайдоиш ва роҳу усулҳои пешгирӣ намудани он бояд ба инобат гирифта шавад. Аввал ин, ки аҳолии ин кишварҳо аз дини ислом пайравӣ менамоянд. Ин аст, ки ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароию тундгароӣ дар байни онҳо пайравон ва ҳаммаслакони худро пайдо мекунанд. Дуюм ин, ки дар солҳои 60-70-ум ифротгароию динию сиёсӣ ҳамчун яроқи идеологию сиёсӣ дар муқобили Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд оварда шуда буд. Аз ин рӯ, аз ҳамон давра сар карда то ба имрӯз хусусиятҳои геополитикии ин падида ба таври равшан эҳсос карда мешавад. Айни замон ҳар як ташкилоти террористию экстремистӣ фаъолияти худро ба таври густурда ба роҳ монда, бо ҳизбу ҳаракатҳои дигар робита ва ҳамкорӣ баркарор менамоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хавфу хатари ин зуҳуротро ба инобат гирифта, қонун дар бораи мубориза бо экстремизм ва ду маротиба стратегияи муқовимат бо терроризм ва экстремизм қабул гардидааст.

Айни замон дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ дар фазои маҷозии интернет фаъол гардида, таблиғу тарғиби ғояҳои тундгарой ва террористӣ аз ҷониби онҳо хеле зиёд шуда истодааст. Чунин тамоюлот ба афкори ҷамъиятӣ таъсири манфӣ расонида, хавфи бештар шудани радикализатсияи ҷомеаро ба вуҷуд меоварад. Аз ин рӯ, таҳқиқи сарчашмаҳои пайдоиш ва паҳншавии сиёсишавии дин ва дар заминаи он ташаккул ёфтани ифротгароии динию сиёсӣ дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои хеле мубрам ба шумор рафта, ҷиҳати таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи суботи сиёсӣ барои пешгирии ин зуҳурот мусоидат менамояд.

Дар раванди омӯзиши мавзуъ асарҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ истифода бурда шудаанд. Махсусан, назарияҳои сиёсии олимони шӯравӣ барои нишон додани моҳияти сиёсишавии дин ва сабабҳои пайдоиши он мусоидат намудаанд. Инчунин дар раванди таҳқиқот назарияҳои сиёсии олимони рус ва муҳаққиқони ватанӣ низ ба таври фаровон истифода бурда шудаанд. Асосҳои назариявии таҳқиқотро низ хулосаҳои назариявии олимони мазкур ташкил медиҳанд.

Дар маҷмӯъ, усулҳои илмии истифодашуда имкон доданд, ки сабабҳои пайдоиши сиёсишавии дин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, омилҳои гуногуни таъсиррасон ба ин раванд нишон дода шаванд. Махсусан, муайян намудани мушкилиҳои мубориза бо ифротгароии динию сиёсӣ ва пайдо намудани роҳу воситаҳои мувофиқ ҷиҳати муқовимат бо ин падидаи номатлуб бо истифода аз иқтидори методологии усулҳои номбаргардида амалӣ карда шудааст.

Масъалаи сиёсишавии дин дар илмҳои фалсафии ватанӣ ба таври маҷмӯӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, он ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа нишон дода шудааст. Бандҳои алоҳидаи навоварии илмии таҳқиқот дар ҳолатҳои зерин ифода меёбанд: дар заминаи таҳлилу таҳқиқи адабиёти илмӣ моҳият, хусусиятҳои муҳими сиёсишавии дин нишон дода шудааст; сабабҳо ва заминаҳои ташаккулёбии сиёсишавии дин дар шароити муосир нишон дода шудаанд; дар заминаи омӯзиши омилҳои таъсиррасон ба сиёсишавии дин таъсири омилҳои хориҷӣ ба зуҳури ин падида таҳқиқ гардидааст; раванди пайдоиш ва рушду инкишофи сиёсишавии дин ҳам дар маҷмуъ ва ҳам дар шароити Тоҷикистон баррасӣ гардида, марҳилаҳои асосии ташаккулёбии он бо назардошти омилҳои сиёсӣ ва қонуниятҳои таърихӣ нишон дода шудаанд; шаклгирии ҳизбу ҳаракатҳои радикалӣ, хусусияти террористиву экстремистидошта дар заминаи авҷ гирифтани раванди сиёсишавии дин дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, хусусиятҳои муҳимми онҳо муайян карда шудаанд; омилҳои таъсиррасон дар пайдоиш

ва ҷоннок гардидани ин раванд таҳлилу баррасӣ гардида, дурнамои рушди принсипи ҳифзи манфиатҳои миллӣ, амнияти миллӣ ва суботи сартосарии ҷомеаи тоҷикистонӣ нишон дода шудааст.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии омӯзиши мавзуъ асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши мавзуи интихобшуда таҳлилу баррасӣ гардида, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот нишон дода шудаанд. Инчунин, дар муқаддима нововарии илмӣ, бандҳои муҳими барои ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, сатҳи татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсия нишон дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – «Ҷанбаҳои назариявию методологии омӯзиши сиёсишавии дин дар ҷомеаи муосир», ба таҳқиқи асосҳои илмию назариявӣ ва хусусиятҳои консептуалии масъалаи сиёсишавии дин бахшида шуда, дар он хусусиятҳои муҳимми ин зуҳурот, сабабҳои пайдоиши он ва роҳу воситаҳои пешгирӣ намудани он мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Зербоби аввали боби якум – «Истилоҳ, моҳият ва хусусиятҳои бевоситаи сиёсишавии дин» ба омӯзиши хусусиятҳои муҳимми ин зуҳурот бахшида шуда, дар доираи ин зербоб алоқамандии сиёсишавии дин бо бундгароии динӣ, терроризм, исломизм ва ғ. баррасӣ гардидаанд.

Бори аввал ба омӯзиши сиёсишавии дин олимони шӯравӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудаанд. Дар таҳқиқоти Бражник И.И., Филимонов Э.Г., Арестов В.Н. ва Галперин Б.И., ки баъди солҳои 70-уми асри XX анҷом дода шудаанд, ин масъала ҳамчун зуҳуроти идеологӣ муаррифӣ гардида, хусусиятҳои зиддиҷамъиятӣ ва зиддикоммунистии он нишон дода шудаанд. Онҳо моҳият ва хусусиятҳои сиёсишавии динро вобаста ба амнияти ҷомеаи шӯравӣ баррасӣ намуда, хусусиятҳои зиддиҷамъиятӣ ва зиддикоммунистии онро нишон додаанд. Муҳаққиқони шӯравӣ асосан масъалаи сиёсишавии динро бо назардошти мубориизаи идеологии давраи

«ҷанги сард» баррасӣ намудаанд. Онро ҳамчун яроқи идеологии кишварҳои буржуазӣ дар муқобили Иттиҳоди Шӯравӣ муаррифӣ кардаанд.

Пайдоиш ва ташаккулёбии сиёсишавии дин, ки ҳамчун раванди манфии ҳаёти сиёсии ҷомеа ба шумор меравад, барои ҳар як мамлакат таҳдиди воқеӣ мебошад. Бояд гуфт, ки мавриди истифода қарор додани мафҳуми «сиёсишавии дин» имкон медиҳад, ки падидаҳои дар соҳаи дин баамалоянда аз амалҳои ғайриқонунии дар соҳаи сиёсат зоҳиршаванда фарқ карда шаванд. Махсусан, бо назардошти мазмуни асосии он мақсадҳои сиёсии дар зери ниқоби дин амалишаванда ба осонӣ мушоҳида мегарданд.

Зербоби дуюми боби якум – «Сабабҳо ва заминаҳои ба амал омадани сиёсишавии дин», ба омӯзиши сабабҳо ва заминаҳои пайдоиши ин зуҳурот бахшида шудааст. Дар зербоби мазкур омилҳои бавуҷудоварандаи сиёсишавии дин ва роҳу воситаҳои муқовимат бо ин зуҳуроти номатлуб баррасӣ шудаанд.

Сиёсишавии дин дар зери таъсири як қатор омилҳо пайдо гардида, инкишоф меёбад. Баъзан шарту шароити баамаломада низ ба фаъолони ҳаракатҳои динии дорои характери сиёсӣ имкон медиҳанд, ки онҳо ҷонибдорон ва пайравони худро марҳила ба марҳила зиёд намоянд. Дар таҳқиқоти мазкур шарту шароитҳое, ки дар заминаи онҳо сиёсишавии дин пайдо гардида, ташаккул меёбад, омилҳои бавуҷудоварандаи ин зуҳурот номида шудаанд.

Даъвоҳои сиёсии руҳониёни нуфузманд аз як ҷониб ва кӯшиши дар раванди муборизаи сиёсӣ истифода намудани дин аз ҷониби дигар барои пайдоиш ва ташаккулёбии сиёсишавии дин шароит муҳайё менамояд. Дар баробари ин, яке аз омилҳои асосии афзоиши равияҳои ифротгароӣ ва авҷ гирифтани ифротгароии динию сиёсӣ ин таъсири давлатҳои хориҷӣ мебошад. Як гурӯҳ рӯҳониёни мамлакат дар давлатҳое таҳсили динӣ мегиранд, ки дар он ҷойҳо андешаҳои ваҳҳобӣ, салафӣ ва бунёдгароиро

дар зеҳну тафаккури онҳо ҷойгир менамоянд. Баъди бозгашт ба ватан онҳо арзишҳои давлати дунявиро маҳкум намуда, ташкили давлати исломиро ба таври васеъ тарғибу ташвиқ менамоянд. Махсусан, ба мамлакат ворид гардидани ғояпардозони ҳаракатҳои ғайриқонунӣ ва гурӯҳҳои ифротгарой боиси вайрон гардидани анъанаҳои динию мазҳабии ҷомеа шуда, сабаби ба вуҷуд омадани дастаҳои ҷиноятпеша ва зуҳур намудани сиёсишавии дин мегардад.

Барои пешгирӣ намудан ва мубориза бурдан бо зуҳуроти мазкур ба таври доимӣ зери назорат қарор додани раванди ташаккулёбии он хеле аҳамиятнок мебошад. Дар раванди назорат васоити ахбори оммаи аз ҷониби ифротгароён истифодашаванда ва аудиторияи ташвиқотии онҳо бояд муайян карда шуда, дар муқобили онҳо воситаҳои мувофиқи мубориза истифода бурда шаванд. Мутаассифона, баромаду даъватҳои ифротгароён барои барҳам задани тартиботи ҷамъиятӣ, ки саропо иғвоангезию кинаситезӣ мебошанд, дар аксар маврид аз ҷониби васоити ахбори оммаи дохилӣ беҷавоб мемонанд, ки чунин ҳолат ба афкори ҷамъиятӣ таъсири манфӣ мерасонад. Дар маҷмӯъ мубориза бо сиёсишавии дин характери комплексӣ дошта, дар раванди муқовимат бо он тамоми воситаҳо ва роҳу усулҳо бояд ба кор бурда шаванд.

Зербоби сеюми боби якум – «Таъсири омилҳои хориҷӣ ба раванди сиёсишавии дин» ба омӯзиши хусусиятҳои муҳимми раванди сиёсишавӣ ва сиёсикунонии дини ислом бахшида шуда, радикализатсияи дини ислом ва дар заминаи он пайдоиши ифротгароии динию сиёсӣ нишон дода шудааст.

Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI зуҳуроти сиёсишавии дин ба яке аз масъалаҳои муҳимми ҳаёти сиёсии ҷомеа табдил ёфта, ба равандҳои иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии мамлакат таъсири амиқ мерасонад. Дар кишварҳое, ки системаҳои сиёсиашон дар ҳоли ташаккулёбӣ мебошанд ва дар марҳилаҳои муҳимми давлатдорӣ ва рушди ҷомеа қарор доранд, дин ба саҳнаи сиёсат ворид гардида, ба таври фаъол

ва чашмгир дар ҳаёти сиёсии мамлакат таъсиррасонӣ менамояд. Махсусан, дар ҷомеаҳои демократии замони муосир иштироки дин дар равандҳои сиёсии мамлакат кайҳо боз ҳамчун воситаи дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию идеологии неруҳои мухталиф истифода бурда мешавад. Чи гунае, ки аз таҷрибаи давлатҳои гуногуни олам мушоҳида кардан мумкин аст, ки сиёсишавии дин дар замони муосир дар аксар маврид дар самти таъмини амнияти миллӣ ва таъмини суботи сиёсии ҷомеа мушкилиҳои зиёдро ба вуҷуд меоварад.

Дар боби дуюми диссертатсия – «Сиёсишавии дин ва хусусиятҳои муҳимми он дар раванди ба даст овардани истиқлолият», омилҳои сиёсию таърихии сиёсишавии дин, омилҳои бавуҷудоварандаи онҳо, пеш аз ҳама, омилҳои дохилию берунӣ, оқибатҳои ногувори фаъолияти ташкилотҳои ифротгароию террористӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, роҳу воситаҳои муқовимат бо паҳншавии ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар зербоби якуми боби дуюм – «Омилҳои сиёсию таърихии сиёсишавии дин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» як қатор омилҳое таҳлилу баррасӣ гардидаанд, ки онҳо сабаби паҳншавии андешаҳои ифротӣ мегарданд ва ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ имкон медиҳанд, ки ба зеҳну тафаккури ҷавонон таъсиррасонӣ намоянд. Дар таҳқиқоти мазкур қайд мегардад, ки ифротгароён чи дар дохили мамлакат ба воситаи пайравони худ ва чи дар хориҷи кишвар ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернетӣ амалҳои ифротгароии худро анҷом медиҳанд ва бо ин роҳ ба зеҳну тафаккури ҷавонон таъсири манфӣ мерасонанд. Инчунин ифротгароён кӯшиш менамоянд, ки бо ҳар роҳу восита ба дохили мамлакат аз хориҷа адабиёти ифротгароӣ, аудио ва видеороликҳои дорои характери ифротгароиро ворид намоянд.

Дар раванди амалӣ гардидани ҳадафҳои сиёсӣ онҳо барои тарғибу ташвиқ намудани ғояҳои ифротию тундгароии худ дар замони муосир аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба таври васеъ истифода

менамоянд. Ин аст, ки тӯли солҳои охир аз ҷониби муҳаққиқон мафҳумҳои ифротгароии иттилоотӣ, киберэкстремизм ва ғ. истифода шуда истодаанд. Вайрон намудани фазои иттилоотии ҷомеа мақсади асосии онҳо буда, алоқаҳои иттилоотӣ ва таъсиррасонии иттилоотӣ яроқи асосии онҳо ба шумор меравад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – «Пайдоиши ҳизбу ҳаракатҳои динӣ ва ташаккули экстремизми динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», сабабҳои пайдоиш, омилҳои таъсиррасон ва фаъолияти ташкилотҳои экстремистию дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Додгоҳи Олии мамлакат фаъолияташон мамнуъ эълон шудаанд, таҳлилу баррасӣ шудаанд. Одатан, дар ҳар як мамлакат пайдоиши экстремизми динӣ дар зери таъсири омилҳои берунӣ ва дохилӣ ба амал меояд. Чунин қонуният хоси ҷомеаи Тоҷикистон низ мебошад. Барои афзоиши экстремизми динӣ дар Тоҷикистон ва умуман дар минтақаи Осиёи Марказӣ низоъҳои минтақавии ҳавзаи Осиё ва Шарқи Наздик омили пуриқтидор ба шумор меравад. Ҳизбу ҳаракат ва ташкилотҳои экстремистию террористие, ки дар низоъҳои мазкур ширкат меварзанд, барои ба ҷониби худ ҷалб намудани ҳаммаслакон, зиёд намудани сафҳои худ ва ниҳоятан барои мустаҳкам намудани мавқеи худ дар кишварҳои мусулмонӣ ба таври густурда фаъолиятҳои пинҳонӣ анҷом медиҳанд.

Зербоби сеюми боби дуюм – «Сиёсишавии дин ҳамчун таҳдид ба амнияти миллии мамлакат», ба омӯзиши равандҳои сиёсии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, инчунин ба баррасии шарту шароитҳои ташаккулёбии сиёсишавии дин бахшида шудааст. Дар заминаи омӯзиши омилҳои мазкур мушкилиҳои асосии муқовимат бо ин падидаи номатлуб нишон дода шудааст. Таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои мазкур нишон дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо сиёсишавии дин бо чанд далел ба мушкилиҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мегардад. Бояд гуфт, ки дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мамлакате мебошад, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолии худ ҷанги шаҳрвандиро аз сар

гузаронид, ки онро гуфтан мумкин аст, ки муборизаи байни неруҳои исломӣ ва неруҳои ҳукуматӣ буд.

Мушкилии дигари мубориза бо сиёсишавии дин бо рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва равандҳои босуръати ҷаҳонишавӣ алоқамандӣ дорад. Айни замон ифротгароён ва террористон ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ кушоду равшан дар муқобили низоми қонунии давлат ва сохти конститутсионии он баромад намуда, пайваста ба паҳн намудани андешаҳои ифротӣ ва тундгароӣ машғул ҳастанд.

Хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия барои таҳқиқи минбаъдаи сиёсишавии дин заминаи илмию назариявӣ фароҳам меоварад. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот барои гузаронидани назорати вазъи ифротгароии динию сиёсии ҷомеа метавонад истифода бурда шавад. Маводи таҳқиқот барои ташаккули ҷаҳонбинии назариявии муҳаққиқони ҷавон ва онҳое, ки ба омӯзиши сиёсишавии дин машғул мегарданд, хеле аҳамиятнок мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълим ба таври васеъ истифода бурда шаванд; омӯзгорони фанҳои сиёсатшиносӣ, амнияти миллӣ, диншиносӣ, сотсиология метавонанд рисолаи мазкурро ба донишҷӯён ҳамчун адабиёти иловагӣ барои мутолиа намудан тавсия кунанд; маводи диссертатсия метавонад дар раванди таҳияи барномаҳои таълимӣ, васоити таълимӣ ва китобҳои дарсӣ низ истифода бурда шавад.

Саҳми шахсии унвонҷӯйи дарёфти дараҷаи илмӣ дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор меравад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 3 мақолаи илмӣ ва 3 маърӯзаи муаллиф инъикос гардидаанд. Мақолаҳои илмии муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Дар диссертатсия дар баробари муваффақиятҳо инчунин норасоиҳо низ дида мешаванд, ки онҳоро ба таври зерин нишон медиҳем:

1.Дар диссертатсия ба масъалаи раванди ташаккулёбии маданияти дунявии шаҳрвандон ҳамчун омили пешгирикунандаи сиёсишавии дин диққати камтар дода шудааст. Ин масъала танҳо дар баъзе мавридҳо ёддоварӣ мешавад.

2.Агар муаллиф дар таҳқиқоти худ тафовути сиёсишавии дин ва тундгароии диниро ба таври муфассал баррасӣ менамуд, барои амалияи сиёсию ҷамъиятӣ чунин таҳқиқоти хеле арзишманд мешуд.

3.Дар таҳқиқоти муаллиф ба масъалаи роҳҳои пешгирӣ намудани сиёсишавии дин диққати камтар дода шудааст.

Эродҳои мазкур ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд. Аз ин рӯ, ба муаллиф тавсия мегардад, ки дар таҳқиқоти минбаъдаи худ онҳоро ба инобат гирифта, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор диҳад.

Дар умум, диссертатсияи Исмоилзода Маъруф Искандар ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимтарини замони муосир бахшида шуда, дар илмҳои фалсафии ватанӣ иқдоми хеле муҳим мебошад. Диссертатсияи мазкур кори мустақилона анҷомёфтае мебошад, ки сохтори он тибқи талаботи муқарраргардида таҳия шудааст. Дар раванди таҳқиқот миқдори зарурии адабиёти илмӣ истифода гардидааст. Адабиёти истифодашуда ба масъалаи омӯхташаванда ва масъалаҳои баррасигардида робитаи бевосита доранд. Гузашта аз ин, диссертатсия аз рӯйи мазмуну мундариҷа бо ихтисоси интихобнамуда мувофиқат менамояд. Дар маҷмӯъ, адабиёти омӯхташуда, маводи истифодашуда, баррасиҳои муаллиф, хулосаҳои асосии диссертатсия, мазмуну

мундаричаи он, методҳои илмии истифодагардида бо ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқат менамоянд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Исмоилзода Маъруф Искандар дар мавзӯи «Сиёсишавии дин ва хусусиятҳои муҳими он дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ» ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 31-33 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти мукаммал ва мустақилона анҷомёфта ба шумор рафта, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ аст.

**Муқарризи расмӣ:**
**Сарходими илмии шуъбаи**
**сотсиологияи Институти**
**фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи**
**ба номи А. Баҳоваддинови Академияи**
**миллии илмҳои Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Қаҳҳоров Ғ.Ғ.**

Имзои доктори илмҳои фалсафа
Қаҳҳоров Ғ.Ғ.-ро тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳои ИФСҲ
ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ **Шозедов Х.Н.**
Суроғаи муқарриз:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.